# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**номзади илмҳои филологӣ Комилов Каримбой Исломович ба диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пешниҳод шудааст.**

Маъруфзода Маҳноза Маъруф соли 2016 зинаи бакалавр ва соли 2019 зинаи магистратураи кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро бо ихтисоси «Рӯзноманигорӣ» хатм намудааст. Мавсуф баъди хатми магистратура таҳсилро дар зинаи докторантура (PhD) идома дода, онро соли 2025 хатм намудааст.

Дар муддати таҳсилу таҳқиқ Маъруфзода Маҳноза Маъруф худро ҳамчун докторанти донишманд, масъулиятноку бомаърифат дар соҳаи тадқиқи масъалаҳои вобаста ба рӯзноманигорӣ ва омӯзиш нишон додааст. Қобили тазаккур аст, ки кори диссертатсионии Маъруфзода Маҳноза Маъруф ҳанӯз аз солҳои нахусти фаъолияти таълимию илмиаш дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷик зимни хондани маърузаҳои илмӣ ва ширкат дар маҳфилҳои илмӣ дар асоси мисолу намунаҳо сурат гирифта, баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

**Кори диссертатсионии Маъруфзода Маҳноза Маъруф** ба яке аз масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир – маркетинги шабакаҳои иҷтимоӣ ва таъсири он ба афкори ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки диссертант бори аввал дар илми рӯзноманигории тоҷик қонуниятҳои гузариши расонаҳои классикӣ ба шабакаҳои иҷтимоиро муайян карда, махсусияти фаъолияти менеҷери SMM ва рӯзноманигоронро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Бо чунин шакл ба миён гузоштани масъала аҳаммият ва арзишмандиро дар худ фаро гирифта,

барои омӯзишу таҳлили баъзе масъалаҳои раванди таҳқиқи илмӣ ва амалии рӯзноманигорӣ мусоидат карда метавонад.

Маъруфзода Маҳноза Маъруф зимни иҷроиши таҳкикоти диссертатсионӣ аз худ кобилияту тавонмандии мустакилона пеш бурдани тадкиқот ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Муҳаккик собит намуд, ки ӯ як тадқиқотгари мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян созад.

**Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо собит менамоянд.

Диссертатсия аз мукаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Муқаддимаи рисола мувофиқи талабот таҳия гардидааст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, бобу фаслҳо зина ба зина мавзуъро фаро гирифта аз нигоҳи мазмун ва мантиқ ба якдигар алоқамандӣ доранд.

Дар боби якуми диссертатсия мафҳумҳои асосии мавзуи таҳқиқ, аз ҷумла SMM (англисӣ - Social Media Marketing), таърихи пайдоиш ва вижагиҳои он дар журналистика, махсусан журналистикаи ватанӣ, инчунин дар бораи пажуҳишҳои аллакай анҷомшуда маълумот додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия зарурати омӯзиши рафтори иттилоотии корбарон бо мақсади муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва ВАО, ки онҳо барои қонеъ гардонидани ниёзҳои худ истифода мебаранд мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар бораи саҳифаҳои расонаҳои тоҷикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ маълумот дода шудааст. Дар асоси таҳлили пойгоҳҳои Google Trends ва Яндекс Вордстат омори ҷустуҷӯйи шабакаҳои иҷтимоӣ оварда шудааст. Ҳамчунин, раванди гузариши расонаҳои Тоҷикистон, муассисаҳои давлатӣ ва

донишгоҳҳо, инчунин таъсиррасонӣ ба аудитория тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба таҳлили махсусиятҳои касбию эҷодии менеҷери SMM бахшида шуда, дар бораи ҷалби аудитория, малакаҳои асосӣ ва зарурии менеҷери SMM маълумот дода мешавад. Кор аз усулҳои таҳлили оморӣ ва таҳлили матлаби контенти мундариҷаи саҳифаҳои расмии ВАО ва донишгоҳҳо истифода мебарад, ки ин ба таҳқиқ эътимоднокӣ ва дақиқии илмӣ мебахшад. Дар идома, ҷанбаъҳои гуногуни истифодаи зеҳни сунъӣ дар эҷоди муҳтаво ва мавод мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст, ки саҳифаи наверо барои омӯзиши муносибати байни технологияҳои рақамӣ, муаллифони муҳтаво ва меъёрҳои ахлоқии журналистика мекушояд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқотӣ илмӣ ба таври зарурӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Маъруфзода Маҳноза Маъруф доир ба мавзуи диссертатсияаш зери унвони «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» **15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмии тақризшаванда** нашр намудааст, ки баррасиҳои илмӣ-назариявии рисоларо инъикос мекунанд. Ҳамчунин муҳаққиқ дар 5 конфронси илмию амалӣ ва назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров» доир ба мавзуи илмию таҳқиқотиаш маъруза намудааст.

**Муҳтавои диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф** бо номи мавзуъ ва соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат менамояд.

Дар баробари анҷом додани кори илмию таҳқиқотӣ Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар тарғибу ташвиқи сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ машғул мебошад. Дар маҷмуъ, муҳаққиқ Маъруфзода Маҳноза Маъруфро дар самти интихобкардаи худ метавон ҳамчун мутахассиси лаёқатманди илмӣ ном бурд, ки мустақилона аз ӯҳдаи ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташуда баромада метавонад.

**Хулоса,** таҳқиқи диссертатсионии Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун роҳбари илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистика
ва назарияи тарҷумаи факултети филологияи тоҷики
МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» **Комилов К. И.**
«20» октябри соли 2025.

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, кӯчаи Шарқ 33.
Тел: (+992-92) 736-10-17
E-mail: komilov-62@mail.ru

Имзои Комилов Каримбой Исломовичро тасдиқ мекунам:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» **Саъдуллозода З. А.**

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992-3422) 6-52-73
E-mail: rector@hgu.tj
«27» октябри соли 2025.